ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАҲОДАТНОМА

## ДАР БОРАИ АЗНАВ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ИТТИҲОДИЯИ ҶАМЪИЯТӢ

Рақами қайди **ИҶ** 426 «Д» 2 феврали соли 2021

Номи расмии иттиҳодияи ҷамъиятӣ - ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт».

Навъи иттиҳодияи ҷамъиятӣ - ҷумҳуриявӣ.

Маҳалли ҷойгиршавии иттиҳодияи ҷамъиятӣ - Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Бухоро бинои 50, ҳуҷраи 21.

Ҳадафҳои асосии фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ – мустаҳкам намудани иқтидори занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

---

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои азнав бақайдгирии иттиҳодияи ҷамъиятӣ 300 (сесад) сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт карда шудааст.

ВАЗИР МУЗАФФАР АШУРИЁН

ВАТҶ № 0001702

Тасдиқ шудааст,
дар маҷлиси умумӣ
суратмаҷлиси № 7
аз «2» ноябри соли 2020

# О И Н Н О М А И

## ташкилоти ҷамъиятии

## «Гендер ва тараққиёт»

2020

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1.1. Ташкилоти ҷамъиятии "Гендер ва тараққиёт" (минбаъд дар матн ташкилот) ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрии худидоракунӣ ва ғайритиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад ва вазифаҳои он тибқи ҳамин оинннома, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" ва дигар санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ мегардад.

1.2. Ташкилот фаъолияташро мустақилона иҷро мекунад. Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки бо ташкилотҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ки мақсад ва вазифаҳои мувофиқ доранд, ҳамкорӣ намоянд.

1.3. Ташкилот аз рӯи ухдадориҳояш бо маблағҳо ва моликияти шахсии худ ҷавобгӯ мебошад.

1.4. Ташкилот аз мавриди ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш, шахси ҳуқуқӣ ба шумор рафта, дорои моликияти алоҳида, маблағҳои асосӣ ва мубодилавӣ, тавозуни мустақил, дар бонкҳо суратҳисоб, аз он ҷумла суратҳисобҳои арзӣ дошта метавонад, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба даст орад ва дар судҳо даъвогару ҷавобгар бошад.

1.5. Ташкилот бо тартиби муайяннамудаи қонун дорои муҳри даврашакл, чоркунҷа, варақаҳои нишонадор бо номгӯи худ, аломатҳо, нишонаҳои сарисинагӣ, рамзҳои худӣ ва дигар нишонаҳо мебошад.

1.6. Ташкилот фаъолияти оинномавии худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад.

1.7. Мақомоти роҳбарикунандаи ташкилот дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро бинои 50, ҳуҷраи 21 ҷойгир мебошад.

## 2. МАҚСАД, ВАЗИФАҲО ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТ

2.1. Мақсади таъсис ва самти фаъолияти ташкилот чунин аст:

Мустаҳкам намудани иқтидори занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ташкилот барои расидан ба мақсадҳои асосӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- иҷрои нақшаҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои занон – гендерӣ ва беҳтар намудани мавқеи зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд;
- таъмини ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо адабиёт, ахборот, машварат ва тренинг;
- таҳия ва ба амал баровардани мониторинг ва баҳодиҳии нақшаҳои гендерӣ барои ташкилотҳои байналмиллалӣ, донорҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ноил шудан ба истиқлолияти иқтисодии занон тавассути дастгирии барномаҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷалб намудан ва ҷудо кардани маблағҳои донорҳо, ташкилотҳои байналмиллалӣ барои дастгирии аҳолии камбизоат;
- ҳамкорӣ бо Ҳукумат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва ҳаракатҳое, ки манфиати занонро ҳимоя мекунанд, инчунин бо мақомоти қонунгузор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, оид ба масъалаҳои ба нақшагирии гендерӣ;
- иштирок ва мусоидат дар таҳия ва пешниҳод намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бештар ҷалб намудани занон ба ин раванд дар ҳама сатҳ;
- мусоидат ба тараққиёти ташкилотҳои ҷамъиятии занон;
- ҷалб намудани занон ба соҳаи соҳибкорӣ бо мақсади ба даст овардани мустақилияти иқтисодӣ тавассути чудо кардани қарзҳои имтиёзнок бо истифода аз маблағҳои сарпарастон;
- барқароркунии арзишҳои ахлоқӣ ва рӯҳӣ, муҳофизати анъанаҳои маданӣ ва маишӣ, комёб шудан ба ризоияти шаҳрвандӣ ва сулҳ байни миллатҳо ва халқиятҳо, мубориза бар зидди маҳалгарой, миллатчигӣ ва шовинистӣ;
- якҷоя намудани қувваи шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ,

  иқтисодӣ ва маданӣ, барои мувафақ шудан ба баробарии ҳақиқии зан, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, мувофиқи санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ, декларатсияи ҳуқуқ ва озодиҳои одам, риояи Низомномаи Конвенсияи СММ «Дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои таъбиз нисбати зан»;
- масъалаҳои таълим ва омӯзиши духтарон ва калонсолҳо;
- тарғиб ва мусоидат ба рушди таълими инклюзивӣ дар муассисаҳои таълимоти умумӣ;
- трафик ва ҷараёни муҳоҷирӣ, ҳимояи ҳуқуқии зан ва кӯдак аз зӯроварӣ дар оила ва дигар масъалаҳои вобаста ба амалбарории ҳуқуқи зан, кӯдак ва наврасон;
- робита бо ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, байналмилалӣ, фаъолияташон бо ҳалли масъалаҳои зан ва гендер алоқаманди дорад;
- тараққӣ додани ҳамкорӣ бо ҳаракатҳои занони мамлакатҳои Осиё ва Шарқ, ба манфиати ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳ ва бехатарӣ;
- мусоидат ба беҳтар ва мустаҳкам намудани оила, хизматрасонии тибии зан ва кӯдак, баамалбарории қонун дар бораи муҳофизати саломатии тазакурӣ ва банақшагирии оила;
- нашр ва паҳн намудани ахбор оиди масъалаҳои зан – гендерӣ ва баланд бардоштани масъалаи зан дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла нашри бюлетенҳо;

- пешгирии бемориҳое, ки ба воситаи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд, ВНМО ва сил;
- ташвиқи дониш дар бораи экология ва гузаронидани корҳо вобаста ба ташкили ҷамъиятӣ мустаҳками экологӣ. Паст намудани таъсири омилҳои номатлуби муҳити атроф ба ҷомеа, дастгирии иқтисоди инклюзивӣ – яъне ҳаёти иқтисодие, ки шахс ба ҳама ҷонибҳои он дастраси дорад, иқтисоди «сабз»;
- дастгирии ҳаматарафа дар татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор барои солҳои 2015-2030;
- баамалбарории фаъолияти тадқиқотӣ, аз он ҷумла дар соҳаи баробарҳуқуқии гендерӣ, қисми мансабҳои роҳбарикунандаи занон, баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра;
- расонидани ёрии башардӯстона ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ва бо иштироки ташкилотҳои байналмилалӣ;
- иҷрои кор оид ба барқароркунии муассиса ва ташкилотҳои иҷтимоӣ;
- ба амал баровардани дигар намудҳои фаъолият, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

## 3. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲО

3.1. Барои ноил шудан ба мақсадҳои оинномавӣ ва ҳаллу фасли вазифаҳои гузошташуда, ташкилот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- дар хусуси фаъолияти худ аҳли ҷомеаро иттилоъ диҳад;
- вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳо, тренингҳоро гузаронад;
- ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои худро дар мақомоти судӣ пешниҳод ва ҳифз намояд;
- созишномаҳои мухталифро бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба тасвиб расонад.

УҲДАДОРӢ:

- дар чараёни амалигардонии фаъолияти оинномавӣ тибқи талаботи Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, фаъолият кунад;
- дар хусуси фаъолияти ташкилот ба намояндагони мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) ҷиҳати дастрасӣ ба иттилоот рухсат диҳад;
- мақомоти бақайдгирандаро (Вазорати адлия) дар бораи гузаронидани чорабиниҳои мухталиф иттилоъ диҳад;
- ҳар сол то 1 апрел ба мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) дар хусуси кори гузаронидашуда, бо нишондоди суроғаи қонунии мақомоти роҳбарикунандаи ташкилот ҳисобот пешниҳод кунад;

- ҳар сол дар сомонаи худ ё сомонаи мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) ҳисоботи молиявиро, ки дар он маълумоти муфассал оид ба даромад ва хароҷот дарҷ шудааст, ҷой диҳад.

- баъди гирифтани кумакҳои молию пулӣ аз хориҷа, дар муҳлати 10 рӯз маълумот барои ворид намудани он ба феҳристи кумаки башардӯстона ба мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) пешниҳод намояд.

## 4. ШАРТҲОИ БА ДАСТ ОВАРДАН ВА АЗ ДАСТ ДОДАНИ АЪЗОГӢ

4.1. Узви ташкилот шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон ба 18 расидааст ва шаҳрвандони хориҷие, ки доимо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, шуда метавонанд.

4.2. Ба даст овардани узвият сарфи назар аз ҷинс, миллат, нажод ва мазҳаб ҷорӣ мегардад.

4.3. Қабул шудан ба узвияти ташкилот мувофиқи аризаи шахсии шаҳрвандон ва қарори раёсат амалӣ мегардад. Узвият дар ташкилот дар асоси низомномае, ки аз ҷониби маҷлиси умумӣ тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешавад.

4.4. Узвият дар ташкилот тибқи қарори раёсат ва тибқи аризаи шахсии узви ташкилот дар бораи ихтиёран аз узвият хориҷ шудан, қатъ мегардад.

4.5. Аъзои ташкилот ҳуқуқ дорад:

- мақомоти роҳбарикунандаи ташкилотро интихоб кунанд ва ба мақомоти роҳбарикунандаи ташкилот интихоб гардад;
- дар фаъолият ва тамоми корҳои ибтидоии ташкилот иштирок намояд;
- ба мақомоти мухталифи ташкилот оид ба масъалаҳое, ки ба фаъолияти он алоқаманданд, таклиф пешниҳод намояд.

4.6. Уҳдадории аъзои ташкилот:

- дар фаъолияти худ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи ташкилот амал кунад;
- сари вақт ҳаққи узвиятро супорад;
- қарорҳои мақомоти роҳбарикунандаи ташкилотро иҷро намояд;
- аз амалҳое, ки ба ташкилот зарар мерасонад худдорӣ кунад.

## 5. МАҚОМОТИ РОҲБАРИКУНАНДА ВА МАҚОМОТИ НАЗОРАТИЮ ТАФТИШОТӢ

5.1. Мақомоти идораи олии ташкилот маҷлиси умумӣ ба шумор меравад.

5.2. Маҷлиси умумӣ дар як сол на кам аз як маротиба бо мавҷудияти кворуми на кам аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзо ва бо даъвати раёсат баргузор мегардад.

5.3. Салоҳияти маҷлиси умумӣ:

- оинномаи ташкилотро қабул кардан, ба он тағйироту иловаҳо ворид кардан;
- директори ташкилотро интихоб кардан;
- ҳисоботи раёсати ташкилот, комиссияи тафтишотиро шунидан;
- раёсати ташкилотро (мақоми роҳбарикунанда) интихоб кардан;
- раиси комиссияи тафтишотӣ ва ду нафар аъзои онро интихоб намудан;
- барномаи фаъолияти ташкилотро муайян кардан;

5.4. Мақомоти роҳбарикунандаи ташкилот дар давраи байни маҷлиси умумӣ, раёсати ташкилот ба ҳисоб меравад ва дар асоси низомнома амал мекунад.

Раёсати ташкилот ваколатдор аст, ки:

- барномаҳо ва лоиҳаҳои ояндадорро таҳия намояд;
- самтҳои асосии фаъолияти ташкилотро муайян кунад;
- оид ба омода сохтан ва гузаронидани чорабиниҳо корро ташкил кунад;
- иҷрои барномаҳои тасдиқшударо танзим намояд.

Раёсати ташкилот маҷлиси умумиро даъват мекунад. Раёсати ташкилот дар маҷлиси умумӣ ба муҳлати се сол интихоб мегардад.

Ҳайати раёсат дар маҷлиси умумӣ муайян карда мешавад. Маҷлисҳои раёсат дар се моҳ як маротиба гузаронида мешаванд ва дар асоси низомномаи аз ҷониби маҷлиси умумӣ тасдиқшуда, фаъолият мекунад.

5.5. Кори ҷории ташкилотро байни маҷлисҳои раёсат, директори ташкилот мегузаронад.

Директори ташкилот ваколатдор аст, ки:

- раёсати ташкилотро даъват кунад, ҳуҷҷатҳоро таҳия созад;
- бо шаҳрвандон шартномаҳои меҳнатиро ба тасвиб расонад;
- тартиби музди меҳнатро муқаррар созад;
- барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда моликияту маблағҳои пулии ташкилотро истифода намояд;
- аз номи ташкилот шартномаҳо, созишномаҳо ва қарордодҳоро бидуни ваколатнома ба тасвиб расонад;
- фаъолияти хоҷагӣ ва молиявиро роҳбарӣ намуда, дар муносибатҳои муштарак бо ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ ва давлатӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам хориҷӣ оид ба масъалаҳои фаъолият, ташкилотро муаррифӣ намояд.

Директори ташкилот дар маҷлиси умумӣ ба муҳлати се сол интихоб мегардад.

5.6. Назорати фаъолияти молиявиро комиссияи тафтишотӣ иҷро менамояд ва дар асоси низомномае, ки аз ҷониби маҷлиси умумӣ тасдиқ карда шудааст, фаъолият мекунад.

5.7. Тафтиши фаъолияти молиявиро комиссияи тафтишотӣ иҷро намуда, тафтиш ҳар сол гузаронида мешавад ва ҳисобот дар хусуси тафтиши гузаронидашуда ба маҷлиси умумии ташкилот пешниҳод мегардад.

5.8. Комиссияи тафтишотӣ дар маҷлиси умумӣ ба муҳлати се сол интихоб карда мешавад.

5.9. Комиссияи тафтишотӣ аз раис ва ду аъзои комиссия иборат аст.

## 6. МАНБАЪҲОИ ҶАМЪОВАРИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ ВА МОЛИКИЯТИ ДИГАР

6.1. Сарчашмаҳои ҷамъоварии моликияти ташкилот маблағҳои шахсӣ ва маблағҳои ҷалбкардашуда ба шумор мераванд.

6.2. Маблағҳои шахсӣ-ҳаққи қабулшавӣ ва ҳаққи аъзогиро ташкил медиҳанд.

6.3. Маблағҳои ҷалбкардашуда-маблағҳое (грантҳо, қарзҳое), ки аз иҷрои лоиҳаҳо, созишномаҳо, шартномаҳо, воситаҳое, ки аз сармоягузорон дохил шудаанд ва даромадҳои дигар мебошанд.

6.4. Ташкилот метавонад дар моликияти худ бино, иншоот, фонди манзилӣ, таҷҳизот, инвентар, воситаҳои нақлиёт, моликияти аҳаммияти маданӣ-равшаннамоӣ ва тандурустӣ дошта, воситаҳои пулӣ, саҳмияҳо, дигар қоғазҳои қимматнок ва дигар моликият дошта бошад ё ба иҷора гирад, ки барои таъмини фаъолияти дар оинномаи мазкур пешбинӣ шуда зарур мебошад.

## 7. ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

7.1. Ташкилот метавонад ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии худ, ки ба хотири ин ҳадафҳо таъсис гардидааст, фаъолияти соҳибкориро ба амал барорад.

7.2. Ташкилот фаъолияти соҳибкориро тибқи қонунгузории амалкунанда ба амал мебарорад.

7.3. Фоидае, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ байни аъзо ба даст дароварда мешавад ба иштирокчиёни ташкилот тақсим нагардида, танҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ истифода мешаванд.

7.4. Ба ҳайати кормандони ташкилот (кормандони амалкунандаи доимӣ) амали Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб аст ва онҳо ҳуқуқ доранд, ки музди меҳнат гиранд.

## 8. ВОҲИДҲОИ СОХТОРӢ

8.1. Ташкилот барои ноил шудан ба мақсадҳои худ ва иҷро кардани вазифаҳои гузошташуда дар тамоми ҳудуде, ки фаъолияташ дарбар мегирад, филиал ва намояндагиҳои худро таъсис медиҳад.

8.2. Филиал ва намояндагиҳои ташкилот ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро надоранд.

8.3. Филиал ва намояндагиҳои ташкилот ба молу мулки ба онҳо вобаста кардашуда ҳуқуқи моликиятро надоранд.

8.4. Филиал ва намояндагиҳои ташкилот ба молу мулки ба онҳо вобаста кардашуда ихтиёрдорӣ мекунанд.

8.5. Воҳидҳои сохтории ташкилот бе мақоми шахси ҳуқуқӣ фаъолияти худро дар асоси низомнома ба амал мебароранд.

8.6. Ташкилот ҳуқуқ дорад филиалу намояндагии худро вобаста ба имконият дар ҳудуди вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ, таъсис диҳад.

## 9. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМА

9.1. Тағйироту иловаҳо ба оинномаи ташкилот бо қарори Маҷлиси умумӣ тасдиқ карда мешаванд.

9.2. Оиннома бо тағйиру иловаҳо бояд дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гирифта шавад.

## 10. ТАРТИБИ АЗНАВ ТАШКИЛКУНӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ТАШКИЛОТ

10.1. Қатъи фаъолияти ташилот дар ҳолати зайл сурат мегирад:

- азнавташкилкунӣ – бо қарори маҷлиси умумӣ ҳангоми мавҷуд будани аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои ташкилот сурат мегирад.
- барҳамдиҳӣ – бо қарори маҷлиси умумӣ ҳангоми мавҷуд будани аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои ташкилот ва инчунин дар мавридҳои дар қонун пешбинишуда бо қарори суд амалӣ мешавад.

10.2. Моликияти ташкилот пас аз барҳамдиҳии ташкилот барои мақсадҳои пешбинишудаи оинномаи мазкур ба дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шавад.

10.3. Ҷараёни барҳамдиҳиро комиссияи барҳамдиҳӣ иҷро мекунад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗ[illegible]АТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ БАҚАЙДГИРИИ
ДАВЛАТИИ ТАШКИЛОТҲОИ
ҶАМЪИЯТӢ ВА ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

ДАР ҲАҶМИ 9 САҲИФА

РАҚАМИ ҚАЙД № 426 „Ю"

аз "2" феврали 2021

имзои шахси ма[illegible]